МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

Terre des hommes
Helping children worldwide.

# СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚА БАРОИ ГИРИФТАНИ НАФАҚАИ МАЪЮБӢ



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

## Барои пешниҳод ба шӯъбаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои гирифтани нафақаи маъюбӣ чи зарур аст?

## ҶАВОБ:

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи синну сол, аз рӯи маъюбӣ, ба сабаби маҳрум шудан аз саробон ва сабабҳои дигари дар Қонуни мазкур пешбинҳодшуда, ба таъмини нафақа ҳуқуқ доранд (Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 823). Тартиби муайян намудани дараҷаи корношоямии маъюбон, муқаррар намудани гурӯҳҳои маъюбӣ, сабаб, давра ва мӯҳлати маъюбии шаҳрвандонро Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар менамояд. Низомномаи Хадамоти давлатии мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. (ҚҲТ аз 18.03.15с.,№1199).

### Намунаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои нафақаи маъюбӣ ё волидайне, ки фарзанди маъюб доранд, чунинанд:

- Нусхаи Хадамоти давлатии ташхисии тиббию иҷтимоӣ оид ба муқаррар намудани гурӯҳи маъюбӣ. (Тартиби муайян намудани дараҷаи корношоямии маъюбон, муқаррар намудани гурӯҳҳои маъюбӣ, сабаб, давра ва муҳлати маъюбии шаҳрвандонро Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар менамояд. Низомномаи Хадамоти давлатии мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. (ҚҲТ аз 18.03.15 с., №1199).
- Дафтарчаи меҳнатии модари кӯдаки бемор;
- Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди кӯдаки бемор;
- Маълумотнома, аз ҷойи истиқомат ва ҳайати аҳли оила;
- 2- дона сурати модари кӯдак (3х4);
- Нусхаи шиносномаи модари кӯдак;
- Дар ҳолати набудани дафтарчаи меҳнатӣ, Маълумотнома аз бойгонӣ (Оид ба 20- соли фаъолияти корӣ).

Зане, ки кӯдаки маъюб дорад, ва собиқаи кории 20- сола дорад, метавонад аз синни 53-солагӣ ба нафақа барояд.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ занҳо аз 58-солагӣ ва мардҳо аз 63-солагӣ ба нафақа мебароянд.

# Намудҳои нафақа кадомхоянд?

## ҶАВОБ:







Мувофиқи Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 823,
Моддаи 2 чунин нафақаҳо таъин карда мешаванд:

- Нафақаҳои меҳнатӣ: аз рӯи синну сол (пиронсолӣ);
- Аз рӯи маъюбӣ;
- Барои маҳрум шудан аз саробон;
- Нафақаҳои иҷтимоӣ.

Нафақаҳои иҷтимоӣ дар навбатӣ худ ба чунин намудҳо тақсим мешаванд:

- аз рӯи синну сол;
- аз рӯи маъюбӣ;
- бо сабаби маҳрум шудан аз саробон.



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.